آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

4 январи соли 2025 Шанбе
№ 2 (15117)


e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# БА БАРНОМАИ «ЛОИҲАИ МАҲАЛЛА» 1 МИЛЛИАРД ДОЛЛАР РАВОНА КАРДА ШУД

***3 январ Президент Шавкат Мирзиёев оид ба чораҳои таъмини шуғли аҳолӣ ва баланд бардоштани даромадҳо дар маҳаллаҳо бо иштироки бонкҳо ахборот дода шуд.***

Дар ин бора дар ҷамъомади видеоселекторӣ, ки 16 декабр доир гардид, супориш дода шуда буд. Бар асоси ин, дар соли 2025 бо ҷойи кор таъмин кардани ҷамъ 5 миллиону 200 ҳазор нафар, аз ҷумла аз тарафи бонкҳо таъмини шуғли беш аз 3 миллион нафар пешбинӣ шудааст.

Бо ин мақсад ҳокимони 208 шаҳру ноҳияҳо ва роҳбарони бонкҳо аз рӯйи таъмини шуғл ва афзунсозии даромади аҳолӣ шартномаҳои ҳамкорӣ имзо карданд, ки дар он ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мушаххаси тарафҳо нишон дода шудааст.

Барои ҳар як маҳалла нишондиҳандаҳои мақсаднок муқаррар гардиданд. 1 миллиард доллар захираҳои кредит, ки дар доираи барномаи «Лоиҳаи маҳалла» барои таъмини шуғли аҳолӣ равона шудааст, дар қиёси бонк ва минтақаҳо тақсим карда шуд. Роҳбарони бонкҳо ноҳия бобати таҳияи лоиҳа, ҷудо кардани кредит, таъмини шуғли аҳолӣ нишондиҳандаи самараноки ҳармоҳа гирифтанд.

Акнун раиси Бонки марказӣ ва ҷонишинҳои ӯ ба минтақаҳо баромада, кори филиалҳои бонкҳои минтақаро дар маҳаллаҳо дар асоси тамоюли нав ташкил мекунанд. То 1 феврали соли 2025 дар филиалҳои бонкҳо дар ноҳияҳо шуъбаҳои корбарии маҳаллабайъ ташкил гардида, ба онҳо «бонкирҳои маҳалла» таъин карда мешаванд. Инчунин, дар ҳар як маҳалла барои бо онҳо якҷоя кор кардан «агентҳои ёрирасон» интихоб мегарданд.

Бонкҳои минтақавӣ ва ҳокимони ноҳияҳо аҳолиро бо лоиҳаҳои тайёри тиҷоратӣ шинос карда, роҳҳои татбиқи онҳоро меомӯзанд. Системаҳои иттилоотии «online-mahalla.uz», «bank-kredit.uz» ва «soliq.uz» интегратсия гардида, иҷрои супоришоти дар назди масъулон гузошташуда ҳаррӯза таҳлил мегардад. Нисбат ба роҳбароне, ки фаъолияташон ғайриқаноатбахш аст, чора дида мешавад.

Таъкид гардид, ки соли 2025 дар таъмини шуғли аҳолӣ ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ соли ҳалкунанда хоҳад буд ва барои ин бояд фаъолияти ҳамоҳанги ҳокимиятҳо ва сохторҳои иқтисодию молиявӣ дар маҳалҳо фаъол карда шавад.

**ЎзА.**

*Ба Президент Шавкат Мирзиёев дар бораи чораҳои таъмини иҷрои Қонун "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон барои соли 2025" маълумот дода шуд.*

# ҚОНУН ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ БАРОИ РУШДИ ПАЙВАСТАИ ИҚТИСОДИЁТ ХИДМАТ МЕКУНАД

Қонуни мазкур аз 17 модда ва 10 илова иборат буда, дар он нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ ифодаи худро ёфтаанд. Бахусус, дар соли 2025 ба 6 дарсад афзудани маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат пешбинӣ шудааст.

Даромадҳои буҷети фарогиршуда ба андозаи 431 триллион сӯм, хароҷот бошад ба андозаи 480,5 триллион сӯм пешбинӣ шуда, нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба миқдори 3 фоиз таваррум тасдиқ гардид.

Тавозуни буҷети давлатӣ ва буҷетҳои бунёдҳои мақсадноки давлатӣ нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба андозаи 2 фоиз таваррум тартиб дода шуд. Дар ин даромадҳои буҷети давлатӣ 308,5 триллион сӯм, хароҷот бошад, бо назардошти трансфертҳои бунёдҳои мақсадноки давлатӣ ба андозаи 344,8 триллион сӯм ба нақша гирифта шудааст.

Дар соли 2025 пешгӯии даромадҳои буҷети Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, буҷетҳои маҳаллии вилоятҳо ва шаҳри Тошканд 65,8 триллион сӯм, башорати хароҷот ба андозаи 84,3 триллион сӯм ба назар гирифта шудааст. Инчунин,

аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ ба маблағи 18,5 триллион сӯм гузаронидани трансфертҳои танзимкунандаи байнибуҷетӣ дар назар аст.

Мувофиқи қонун, имсол ҳам самти иҷтимоии хароҷоти буҷет нигоҳ дошта шуд. Ҷамъ 52 фоизи хароҷоти буҷети давлатӣ барои рушди соҳаҳои таълим, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, илм, маданият ва варзиш, таъмини аҳолии ниёзманд бо манзили зист равона карда мешавад.

Бо мақсади зиёд кардани даромадҳои буҷетҳои маҳаллӣ ва афзунсозии мустақилияти онҳо намудҳои зерини андоз ба таври иловагӣ дар буҷетҳои ноҳия ва шаҳрҳо гузошта мешавад:

– андози муомилот, андози замин ва амволи шахсони ҳуқуқӣ дар ҳаҷми пурра (ба истиснои андозҳое, ки андозсупорандагони калон пардохт мекунанд);

– на кам аз 50 фоизи воридоти андози даромад аз шахсони ҷисмонӣ (ба истиснои андозҳое, ки андозсупорандагони калон месупоранд);

– 50 фоизи даромадҳое, ки аз хусусигардонии амволи давлатӣ ба буҷети маҳаллӣ меафтанд.

Инчунин, ба шӯроҳои маҳаллии ноҳия ва шаҳрҳо ваколати истифодаи коэффитсиент аз рӯйи баъзе намудҳои андоз дода шудааст.

Умуман, буҷети давлатӣ имсол низ барои рушди пайвастаи иқтисодиёт, ҳалли манзилноки масъалаҳои иҷтимоӣ, афзунсозии фаровонии рӯзгори аҳолӣ хидмат мекунад.

**ЎзА.**

*Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон*

# ДАР БОРАИ БОШУКӮҲ ҶАШН ГИРИФТАНИ 150-СОЛАГИИ ЗОДРӮЗИ АСОСГУЗОРИ ҲАРАКАТИ ҶАДИДИЯ ДАР ТУРКИСТОН, НАВИСАНДАИ БАРҶАСТА, АРБОБИ ҶАМЪИЯТӢ, НОШИР ВА ОМӮЗГОР МАҲМУДХӮҶА БЕҲБУДӢ

Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ дар аввали асри XX – дар давраи дар таърихи Ватани мо мураккаб – ҳамчун асосгузори ҳаракати ҷадидия дар Туркистон шинохта шудааст. Ӯ ҳамчун намояндаи барҷастаи ҳаракати миллии озодихоҳӣ, умри худро барои рушди илм, маорифу тарбия, адабиёту ҳунар, матбуот, эҳёи худшиносӣ ва васеъ кардани ҷаҳонбинии мардум бахшида, барои истиқлолиятро ба даст овардани онҳо тавассути азхуд кардани дастовардҳои пешрафтаи ҷаҳон талош кард.

Сарфи назар аз монеаҳои тартиби подшоҳӣ ва қувваҳои маҳаллии консервативӣ, Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ яке аз аввалинҳо шуда, дар минтақа мактабҳои замонавӣ таъсис дод ва барои онҳо китобҳои дарсӣ тайёр намуд, нашриёт ва театрҳо кушод. Ӯ ҳамчун публитсист як қатор асарҳои дурахшон ва зиёда аз 200 мақола дар масъалаҳои муҳими замони худ навишт. Ҳамчунин дар баробари ин рӯзномаи «Самарқанд» ва маҷаллаи «Оина»-ро таъсис дод. Соли 1914 дар театри «Турон» песаи «Падаркуш»-и ӯ ба саҳна гузошта шуд, ки оғози рушди санъати театрӣ дар кишвари мо гардид. Мутаассифона, нависандаи боистеъдод ва арбоби барҷастаи ҷамъиятӣ дар синни 44-солагӣ қурбони қувваҳои бадқасд гардид.

Дар солҳои истиқлолият ба абадӣ гардондани хотира, амиқ омӯхтани ҳаёт ва фаъолият, васеъ оммавӣ намудани асарҳои илмӣ ва адабии Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад.

Гузоштани ҳайкал дар хиёбони адибони Тошканд, таъсиси хона-музей дар Самарқанд, муқаррар карда шудани ҷоизаи ба номи Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ дар соҳаи драматургия аз ҷумлаи чорабиниҳои муҳими ҳаёти кишвари мо гардиданд.

Бо назардошти нақши муҳим ва аҳамияти асарҳои Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ дар баланд бардоштани иқтидори зеҳнӣ ва маънавии насли наврас, тарбияи ҷавонон ҳамчун бунёдкорони Ўзбекистони Нав ва ватандӯстони ҳақиқӣ, инчунин ба мақсади васеъ омӯхтан ва оммавӣ гардондани мероси гаронбаҳои ӯ:

**1.** Пешниҳоди Вазорати фарҳанг, Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсияҳо, Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ, Иттифоқи нависандагон, Академияи илмҳо, Маркази маънавият ва маърифати ҷмҳурӣ, Агентии кор бо ҷавонон ва намояндагони ҷомеа **дар бораи дар соли 2025 васеъ ҷашн гирифтани 150-солагии асосгузори ҳаракати ҷадидия дар Туркистон, нависандаи барҷаста, арбоби ҷамъиятӣ, ношир ва омӯзгор Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ** маъқул дониста шавад.

**2. Кумитаи ташкилии** таҷлили 150-солагии зодрӯзи Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ (минбаъд – Кумитаи ташкилӣ) дар таркиб мувофиқи замима таъсис дода шавад.

**3.** Ба Кумитаи ташкилӣ (А. Арипов) супориш дода шавад, ки дар давоми ду ҳафта **Барномаҳои чорабиниҳои** таҷлили 150-солагии зодрӯзи Маҳмудхӯҷа Беҳбудиро тасдиқ намояд.

Дар барнома инҳо пешбинӣ гарданд:

омода ва нашри маҷмӯаи **«Асарҳои мунтахаб»**-и нависанда, китобҳои илмию оммавӣ, ки ба ҳаёт ва фаъолияти ӯ бахшида шудаанд;

ба саҳна гузоштани **спектакл** дар бораи Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ ва ташкили намоиши оммавии сериалҳои қаблан таҳияшудаи **«Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ»** ва филми бадеӣ-публитсистӣ аз силсилаи **«Дили мардум»**;

дар толори марказии намоишгоҳи Академияи бадеӣ **ташкили намоишгоҳи асарҳои санъати амалӣ** дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ, инчунин дар бораи фаъолияти намояндагони ҳаракати ҷадидия дар Туркистон;

гузарондани озмуни иншо таҳти мавзӯи **«Сабақҳои Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ»** миёни хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва эҷодӣ, курсантҳои «Мактаби темурбекҳо» ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муносиб сарфароз гардондани ғолибони он;

бо иштироки олимону нависандагони маъруф ташкил кардани **мулоқотҳои эҷодӣ ва шабҳои адабӣ** дар муассисаҳои таълимӣ, китобхонаҳо, ҷамоаҳои меҳнатӣ, маҳаллаҳо ва қисмҳои ҳарбӣ бахшида ба ҳаёт ва эҷодиёти Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ;

дар байни ҷавонон васеъ оммавӣ гардондани асарҳои Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ тавассути технологияҳои муосири рақамӣ ва иттилоотӣ;

моҳи октябри соли 2025 дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов ташкил кардани конфронси байналмилалии илмию амалии **«Масъалаҳои мубрами омӯзиши мероси Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ ва ҳаракати ҷадидия»**;

дар моҳи ноябри соли 2025 дар Театри давлатии академии калони Ўзбекистон ба номи Алишер Навоӣ баргузор намудани **шаби ёдбуди тантанавии адабию маърифатӣ** бахшида ба 150-солагии зодрӯзи Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ;

ободонии ҳудуди хона-музейи Маҳмудхуҷа Беҳбудӣ дар шаҳри Самарқанд ва **ғанӣ гардондани экспозитсияи осорхона**;

ба яке аз кӯчаҳои шаҳри Қаршӣ гузоштани **номи Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ ва насби лавҳаи ёдгорӣ**;

офаридани асарҳои аудиовизуалӣ барои ҷойгиркунӣ дар интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, инчунин нашри силсилаи мавод дар воситаҳои ахбори умум.

Ба Кумитаи ташкилӣ супориш дода шавад, ки тадбирҳоеро, ки дар доираи таҷлили 150-солагии зодрӯзи Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ пешбинӣ шудаанд, босифат ва дар сатҳи баланд ташкил карда, ҳамоҳангсозии саривақтӣ, пурра ва босифати онҳоро таъмин намояд.

**4.** Ба Агентии миллии ахбори Ўзбекистон, Ширкати миллии телевизион ва радиои Ўзбекистон, Агентии ахбор ва коммуникатсияҳои оммавӣ, Иттифоқи журналистони Ўзбекистон, Ассотсиатсияи миллии ахбори Ўзбекистон ва дигар воситаҳои ахбори оммавӣ тавсия дода шавад, ки чорабиниҳои марбут ба таҷлили 150-солагии зодрӯзи Маҳмудхӯҷа Беҳбудиро васеъ инъикос намоянд.

**5.** Муқаррар карда шавад, ки хароҷоти марбут ба иҷрои чорабиниҳое, ки дар ин қарор пешбинӣ шудаанд, аз ҳисоби маблағҳои Буҷети давлатӣ, инчунин маблағҳои ғайрибуҷетии ташкилотчиён ва дигар манбаъҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, маблағгузорӣ карда мешаванд.

**6.** Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А. Н. Арипов ва роҳбари Департаменти рушди иҷтимоии Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон О. К. Абдураҳмонов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**Шавкат МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*27 декабри соли 2024.*




*Ташкили ярмаркаҳои тиҷоратӣ бо нархи арзон барои таъмини дастархони пурфайзи идона, пешгирии болоравии нархҳо аҳамияти муҳимро молик аст.*

*Дар бозори деҳқонии озуқаврии «Ерқӯрғон», ки аз маҷмааҳои калони тиҷоратӣ дар шаҳри Қаршӣ мебошад, ин гуна ярмарка ташкил карда шудааст. Дар он асал, шир, тухм, гӯшт, моҳӣ барин 60 навъи маҳсулоти озуқаворию кишоварзӣ бо нархҳои нисбатан арзон фурӯхта мешавад.*

*Аз ҷониби маъмурияти бозор низ барои бо нархҳои ҳамёнбоб фурӯхтани маҳсулот ба аҳолӣ чораҳо андешида ва ба захирасозии озуқаворӣ эътибор дода мешавад.*

***Дар сурат:** намое аз ярмарка.*

***Суратгир: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ЎзА).***

**Муносибат**

# ЎЗБЕКИСТОН ДАВЛАТИ ИҶТИМОӢ АСТ

***Чанде пеш таҳти сарварии Президенти мамлакат Шавкат Мирзиёев бахшида ба баррасии натиҷаҳои кор дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва вазифаҳои афзалиятнок барои соли 2025 ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор шуд. Дар он Сарвари давлат ба масъалаҳои дастгирии иҷтимоии аҳолӣ, ғамхорӣ ба оилаҳои камбизоат, таъмини шуғл, беҳтар кардани шароити манзили оилаҳои камтаъмин ва зиёд кардани даромади онҳо таваҷҷуҳ намуд.***

Дар рафти ҷамъомад дар баробари эътирофи дастовардҳо, камбудиҳое, ки дар ин самт ба чашм мерасанд, баррасӣ ва дар назди масъулон бобати ҳалли онҳо вазифаҳои мушаххас гузошта шуданд. Инчунин, чорабиниҳои минбаъда муҳокима ва ташаббусҳои нав пешбарӣ гардиданд.

Зимни чорабинӣ зикр гашт, ки соли ҷорӣ 5 ҳазор нафар кӯдакони ногиро бо кӯдакистон, маҳфилҳо ва таълими касбӣ фаро гирифта шуда, ба 45 ҳазор нафар эҳтиёҷманд кумакҳои тиббӣ расонида шуд. Дар ноҳияҳои Тайлоқ ва Косонсой марказҳои рушди ибтидоӣ боз гардиданд, ки дар онҳо 4,2 ҳазор кӯдакони оилаҳои камтаъмин ва бачагони ногиро таълими томактабӣ мегиранд. Аз рӯйи бозомӯзӣ ва дар ҳар як ноҳия ҷорӣ намудани ин таҷриба ба ҳокимони вилоятҳо супориш дода шуд.

Таъкид гардид, ки аз соли нав дар ҳазор оилаи сатҳи нодориаш баланд кӯдакистонҳои оилавӣ ба кор оғоз намуда, 15 фоизи ҷойҳо дар ин кӯдакистонҳо барои кӯдакони оилаҳои камтаъмин ҷудо мегардад ва як қисми пардохти кӯдакистон супорида мешавад. Ғайр аз ин, барои таълим додани бачагони оилаҳои камтаъмин имкониятҳои иловагӣ фароҳам гардида, то 80 фоизи харҷҳои волидайн барои маҳфилҳои забонҳои хориҷӣ, IT, бозомӯзии касбу ҳунар ва ғайра аз буҷа пардохта мешавад.

Ин ҳама аз ғамхории ҳукумат ба оилаҳои камбизоат, ашхоси маълул далолат медиҳад ва барои таъмини ҳуқуқ, фароҳамсозии шароит баҳри иштироки фаъоли онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъият мусоидат мекунад. Бахусус, афзудани таваҷҷуҳ ба кӯдакони ногиро ва фарзандони оилаҳои камтаъмин, муҳайё кардани шароит барои таълими онҳо ва тақдими имконият ва имтиёзоти иловагӣ аз беҳтарин иқдомҳои ҳукумати кишвар аст, ки шоёни таҳсин мебошад.

Мақсади асосии сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ дар мамлакатамон низ ҳамин аст. Маҳз дар натиҷаи имзо гардидани як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрӣ дар ин самт, ҳифзи иҷтимоӣ пурзӯртар гардид, механизмҳои ҳимояи аҳолӣ такмил ёфт, низоми дастгирӣ ва кумак ба аҳолӣ қаринтар шуд, доира ва намудҳои хидматҳои иҷтимоӣ ба шаҳравандон афзуд.

Аз ҷумла, дар асоси Фармони Сарвари давлат аз 1 июни соли 2023 «Дар бораи чораҳои маҷмӯӣ аз рӯйи расонидани хидмат ва кумаки босифати иҷтимоӣ ба аҳолӣ, инчунин, роҳандозии низоми назорати самарабахши он» корҳое, ки бобати ҳифзи иҷтимоӣ амалӣ мегарданд, ба марҳилаи нави рушд баромад.

Дар доираи иҷрои Фармон муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ, ки дар вазоратҳои гуногун пароканда фаъолият менамуданд, муттаҳид гардида, Агентии миллии ҳифзи иҷтимоии назди Президент ва садоратҳои минтақавии онҳо таъсис ёфт. Инчунин, дар тамоми минтақаҳо марказҳои хадамоти иҷтимоии «Инсон» ташкил шуданд, дар маҳаллаҳо бошад, 102 намуди хидмати иҷтимоӣ ҷорӣ гардиданд.

Шоёни эътироф аст, ки имрӯзҳо кормандони иҷтимоӣ бевосита ба хонаҳо рафта, аз ҳоли эҳтиёҷмандон хабар мегиранд ва ба онҳо кумак мерасонанд.

Инчунин, дар асоси қонун «Дар бораи ворид кардани тағйирот ва иловаҳо ба баъзе ҳуҷҷатҳои қонунии Ўзбекистон ба муносибати такмил додани низоми хадамот ва кумаки иҷтимоӣ», ки аз 19 октябри соли 2024 мавриди амал қарор дорад, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ боз ҳам пурзӯртар гардид.

Қобили зикр аст, ки хароҷоти маблағгузории барномаҳои иҷтимоӣ нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 2 баробар ва фарогирии оилаҳои камбизоат, ки кӯмакпулӣ мегиранд, 5 баробар зиёд шуд.

Барои онҳое, ки бо парвариши шахсони маълул ва кӯдакони маъюб машғуланд, намудҳои нави нафақа ҷорӣ гардид. Ғайр аз ин, ба қонунгузорӣ меъёрҳои марбут ба пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоии шахсони яккаву танҳо, пиронсолон ва маъюбон, ки ба нигоҳубини дигарон эҳтиёҷ доранд, ворид карда шуданд.

Қонуни мазкур барои пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва такмили минбаъдаи механизмҳои муҳофизат замина фароҳам овард.

Метавон гуфт, ки дар асоси таҳрири нави Сарқонун асосҳои давлати иҷтимоӣ таҳким ёфт ва инак, диёри маҳбуби мо ба даврони нав қадам гузошта, дар ҷаҳон аз нав бо номи Ўзбекистони Нав нуфузи бештар пайдо мекунад ва чун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва дунявӣ дар арсаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ марраҳои баландро ҳадаф қарор дода, ба комёбиҳои нав ба нав ноил мегардад.

**Дурдона СИДДИҚОВА,**
**корманди шуъбаи маънавияти Академияи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ.**

***Ин матлаб дар ҷараёни як нишасти хабарӣ, ки бо ширкати муовини ҳокими вилояти Фарғона, сардори раёсати сайёҳии вилоят Хуршедҷон Аҳмедов сурат гирифт, баён карда шуд. Ба гуфтаи ӯ шумораи умумии сайёҳоне, ки то охири соли сипарӣ ба вилояти Фарғона ташриф овардаанд, 3 миллиону 550 ҳазор нафарро ташкил медиҳад.***

# ТЕЪДОДИ САЙЁҲОН РӮ БА АФЗОИШ АСТ

– Аз ин шумори умумӣ 3 миллиону 75 ҳазор нафар сайёҳони дохилӣ ва 475 ҳазору 640 ҳазор нафар сайёҳони хориҷӣ мебошанд. Нақшаи ҷалби сайёҳон дар вилоят 115 фоиз иҷро гардид, – изҳор дошт Хуршедҷон Аҳмедов.

Вай афзуд, ки содироти хадамоти сайёҳӣ 147,8 миллион долларро ташкил намуд. Ба ҳисоби миёна будубоши як сайёҳ дар қаламрави вилоят ба 4-5 рӯз рост меояд. Ҳамчунин таҳқиқи мавзӯъ нишон медиҳад, ки хароҷоти як сайёҳ 310 долларро ташкил менамояд ва боздиди сайёҳон низ нисбат ба ду соли пеш 1,7 баробар афзоиш ёфтааст.

– Дар давоми соли сипарӣ дар вилояти мо 19 муассисаи нави ҷойгиркунӣ таъсис дода шуда, шумораи онҳо ба 361 адад расид. Аз ин муассисаҳо 47 ададро меҳмонхона 277 ададро хонаҳои оилавӣ ва дигар иншоот ташкил мекунанд. Ташкили 37 хостел низ барои пазироии сайёҳони дохиливу хориҷӣ хеле мусоидат намуд, – қайд кард муовини ҳокими вилоят.

Бар асоси дастур ва вазифаҳои Сарвари давлат, ки зимни ташрифи ӯ ба вилояти Фарғона 11–12 июли соли 2024 ироа гардидааст, чораву тадбирҳои иловагӣ андешида шудааст, ки категорияи ситораҳои 10 меҳмонхонаи қаламрави вилоят таҷдиди назар шавад. Соли 2024 бо мақсади ҷалби бештари сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ дар вилоят зиёда аз 20 ҷашнвора дар сатҳи баланд ташкил карда шудааст.

Гуфта мешавад, бо мақсади васеъ тарғиб намудани иқтидори сайёҳии кишварамон дар хориҷи кишвар ва ҷалби ҳарчи бештари сайёҳони хориҷӣ ҳамкориҳои бевосита бо расонаҳои хориҷӣ ва шабакаҳои телевизионӣ низ натиҷаҳои назаррас ба бор меоваранд. Дар ин самт эҷодкорони шабакаҳои телевизионии «Asahi TV»-и Ҷопон ва «RTM»-и Малайзия дар бораи салоҳияти сайёҳии Ӯзбекистон филмҳои мустанад ба навор бардоштанд.

Дар ин замина салоҳияти сайёҳии вилояти Фарғона аз тариқи шабакаи телевизионии бонуфузи Би-Би-Си дар саросари Аврупо намоиш дода шудааст.

– Хусусан ҷалби сайёҳони хориҷӣ дар рушду ривоҷи иқтисодиёти мамлакат, аз ҷумла вилояти Фарғона низ хеле нақши муассир мебозад. Хушбахтона, дар соири шаҳру ноҳияҳои вилоятамон, мисли Фарғона, Марғелон, Қӯқанд, Риштон, Қува ва амсоли он осори гуногуни таърихиву фарҳангӣ мавҷуданд, ки ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи сайёҳон қарор мегиранд, – гуфт Х. Аҳмедов.

Дар поёни нишасти хабарӣ як идда хабарнигорон барои тарғиби салоҳияти сайёҳии вилоят бо «Диплом» ва «Ифтихорнома»-ҳо сарфароз гардиданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# МУЛОҚОТ БО СОҲИБКОРОНИ ЧИН

***Иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев бо соҳибкорони кишвари Чин мулоқот ороста, таъкид намуд, ки минбаъд низ ҳамкорӣ густариш хоҳад ёфт.***

Ҳоло дар Самарқанд 76 корхонаи хориҷӣ ва 20 корхонаи муштарак бо Чин амал мекунад. Агар дар соли 2023-юм гардиши маблағ 370,8 миллион долларро ташкил карда бошад, дар тӯли 11 моҳи соли гузашта ин нишондод ба 456,7 миллион доллар расид. Имрӯзҳо барои амалӣ шудани 63 лоиҳа бо арзиши 2 миллиарду 808 миллион доллар мулоқоти дуҷониба идома дорад.

Таъкид шуд, ки дар мамлакат барои дастгирии соҳибкорони хориҷӣ шароит фароҳам оварда шудааст.

– Мо барои бунёди корхонаи доруворииҳои биофарматсевтӣ 250 миллион доллар сарф хоҳем кард, – гуфт сармоягузори чинӣ Зонг Ҷингле. – Аллакай дар 20 гектар майдон корҳои сохтмонӣ оғоз ёфт. Итминони комил дорам, ки мулоқоти кушоду самимона барои амалӣ шудани лоиҳаи байналхалқӣ самараи нек мебахшад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

*Дар мавзӯи муҳим*

# ГУФТАНД, ГУФТЕМ, БОЗ МЕГӮЯНД: БО УМЕДИ НАКӮ...

***Саволи охирине, ки таҳририяти рӯзнома дар хати расмӣ ба Вазорати таълими томактабӣ ва мактабии ҷумҳурӣ (аз 5 ноябри соли 2024, №88) ба миён гузошта буд, чунин мазмун дошт: «То ҳол бобати бо маводи таълимӣ-услубӣ, дидактикӣ ва адабиёти бадеӣ (дар забони модарии онҳо) таъмин кардани ташкилотҳои таълими томактабии мамлакат, ки бо забонҳои бародарӣ фаъолият пеш мебаранд, чӣ гуна корҳо амалӣ гардиданд?»***

Роҷеъ ба ин масъала дар мақолаҳо таҳти мавзӯъҳои «Таълим дар кӯдакистонҳо бо чанд забон аст?» (№100, «Овози тоҷик», 14 декабри соли 2024), «Масъулони вазорат дуруст мегӯянд ё садорат?» (№102, «Овози тоҷик», 21 декабри соли 2024), «Ангушти ҳайрат мегазем» (№103, «Овози тоҷик», 25 декабри соли 2024) ва «Забони таълиму тарбия дар кӯдакистон: мушкилот дар чист?» (№104, «Овози тоҷик», 28 декабри соли 2024) низ дар мисоли кӯдакистонҳо ишора карда шуд. Таъкидан гуфтем, ки «бобати инкишофи нутқ, ташаккули шахсият, рушди маънавият, ҷаҳонбинии кӯдакон, таъмини онҳо бо маводи таълимӣ-услубӣ, дидактикӣ ва адабиёти бадеӣ бо забони модарияшон низ муҳим мебошад».

Дар номае, ки тибқи дархости таҳририят аз номи ҷонишини вазири Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ Ф.Боқиев таҳти рақами 04-22-3777 (аз 25 ноябри соли 2024) дастрас гардид, масъулон ба ин саволи мо кӯтоҳакак чунин ҷавоб додаанд: «Имрӯз ташкилотҳои таълими томактабӣ бо дастурҳои таълимӣ-услубӣ, маводи дидактикӣ, адабиётҳои бадеӣ бо забонҳои ӯзбекӣ, қароқалпоқӣ ва русӣ таъмин гардидаанд».

Дар бораи таъминоти тарбиядиҳандагони гурӯҳҳои миллӣ (қазоқӣ, тоҷикӣ, қирғизӣ ва ғ.) бо маводи таълимиву методӣ, дидактикӣ ва адабиёти бадеӣ дар забони модариашон ё нақшаҳои вазорат дар ин самт маълумоте нест.

Дар хати расмии ҷонишини вазири Вазорати таълими томактабӣ У.Бегимқулов аз 17 октябри соли 2022 таҳти рақами 03-03/2-2763 (ҳоло фаъолияти ин вазорат қатъ гардида, ташкилотҳои сохтори ташкилии он дар ихтиёри Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ аст), ки дар даст дорем, роҷеъ ба ин масъала чунин маълумот зикр шудааст: «Аз маводи дидактикие, ки ба ташкилотҳои давлатии таълими томактабӣ дастрас шудаанд, дар раванди таълиму тарбия дар гурӯҳҳое, ки бо забонҳои бародарӣ фаъолият мебаранд, истифода намудан мумкин аст. Инчунин, дар соли таҳсили 2023-2024 ба забонҳои бародарӣ тарҷума кардани материалҳои мавҷудаи таълимӣ-услубӣ, ки аз ҷониби вазорат таҳия гардидаанд, ба нақша гирифта шудааст».

Ба ҳар ҳол Вазорати таълими томактабӣ ваъдаҳои дилгармкунанда дода буд, аммо Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ чунин посух додааст, ки мазмуни «худат ёбу гир»-ро медиҳад.

Бояд гуфт, ки имрӯзҳо масъалаи такмилдиҳии низоми таълими томактабӣ, тавсеаи шабакаи давлатӣ ва ғайридавлатии кӯдакистонҳо, таъмини онҳо бо кадрҳои ботаҷрибаи педагогӣ дар сатҳи сиёсати давлатӣ қарор дорад. Дар ин замина ба масъалаи мустаҳкам кардани пойгоҳи моддиву техникии боғчаҳои бачагона ва афзунсозии фарогирии кӯдакон бо таълими томактабӣ эътибори алоҳида дода мешавад. Инчунин, беҳсозии сифати таълиму тарбия дар кӯдакистонҳо, роҳандозии барномаҳои таълимиву технологияҳои замонавӣ дар ин раванд аз масъалаҳои муҳим ба шумор мераванд.

Дар маълумоте, ки чанде пеш ба сарвари давлат аз ҷониби Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ тақдим гардид, маҳз ба чунин масъалаҳо диққат дода шудааст. Дар он дар бораи вазифаҳои афзалиятноки низоми таълими томактабӣ ва мактабӣ дар соли 2025 сухан рафта, таъкид гардидааст, ки «соли оянда бунёди 162 муассисаи таълими томактабӣ, сохтани 100 кӯдакистони хусусӣ ва 1000-то боғчаи бачагонаи оилавӣ ба нақша гирифта шудааст, ки имкон медиҳад фарогирӣ бо таълими томактабӣ ба 78 фоиз расонида шавад».

Дар ҳоле, ки фарогирии кӯдакон бо таълими томактабӣ торафт меафзояд, шароити зарурӣ ва сифати таълиму тарбия дар кӯдакистонҳо беҳтар мегардад ва ин масъалаҳо мавриди таваҷҷуҳи доимии ҳукумат қарор доранд, чаро масъулон бобати таъмини ташкилотҳои таълими томактабӣ бо маводи зарурии таълимиву тарбиявӣ саҳлангорӣ мекунанд? Чӣ боис шуд, ки онҳо аз иқдоми накӯ, яъне ба забонҳои бародарӣ тарҷума кардани материалҳои мавҷудаи таълимӣ-услубӣ, ки пештар гуфта буданд, даст кашиданд? Ё бо қатъ гардидани фаъолияти Вазорати таълими томактабӣ ин нақшаҳо ҳам аз байн рафтанд?

Дар моддаи 10-уми Қонун «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» ваколатҳои Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ дар соҳаи таълиму тарбияи томактабӣ муқаррар гардидааст. Тибқи ин модда ба таъмини ташкилотҳои давлатии таълими томактабӣ бо маводи таълимию методӣ, дидактикӣ, адабиёти бадеӣ, бозӣ ва бозичаҳои таълимӣ, инчунин муҷаҳҳаз ва таҳкими пойгоҳи моддию техникии онҳо вазорат масъул мебошад.

Мо набояд фаромӯш кунем, ки соҳаи таълими томактабӣ зинаи муҳими системаи таълим ба ҳисоб меравад. Тавре гуфтем, маҳз дар ин зина кӯдак аз лиҳози зеҳнӣ, маънавию эстетикӣ, ҷисмонӣ рушд мекунад ва барои таҳсил дар мактаб омода мегардад. Яъне пойдевори асосӣ дар кӯдакистонҳо гузошта мешавад.

Дар ин бора мутахассисони соҳа, намояндагони ҷамъиятӣ, кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ борҳо тариқи расонаҳо баромад кардаанд. Мухбирони рӯзномаи мо низ чандин мақолаи таҳлиливу танқидиро навиштаанд. Дар мақолаҳои фавқуззикр ҳам то чӣ ҳад муҳим будани таълими томактабиро бо мисолҳо фаҳмондем. Аҷаб нест, ки дар оянда низ боз ба ин мавзӯъ баргардем. Яъне гуфтанд, гуфтем ва бо умеди накӯ боз хоҳем гуфт.

Бо умеде, ки иҷрои супоришоту талаботи Сарвари давлатро, ки дар назди масъулони соҳа гузоштаанд, таъмин намоем.

Бо умеде, ки масъулони Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ ин ҳама мушкилоти ташкилотҳои таълими томактабиро ҳаллу фасл намоянд ва сифати таълиму тарбияро беҳтар созанд.

Бо умеде, ки тарбиягирандагон маводи таълимӣ-услубӣ, дидактикӣ ва адабиёти бадеиро бо забони модарии худ дастрас намуда, аз онҳо самаранок истифода баранд ва ба зинаи мактабӣ ҳамаҷониба омода шаванд.

Бо умеде, ки дар кӯдакистон таълиму тарбияи хуб гирифта, дар мактаб бо баҳои аъло хонанд. Дар ҷодаи илму фан ба комёбиҳо ноил гардида, баҳри рушди мамлакат саҳми шоиста гузоранд ва парчамбардори Ватани маҳбуб шаванд.

Чунки ҳеҷ ягон соҳа бидуни тарбияи кадрҳои заковатманду ботаҷриба, наметавонад ба ягон дигаргунӣ, ба ҳаёти фаровон ваояндаи дурахшон ноил шавад. Омодасозии чунин кадрҳои боистеъдод, генофонди солими миллат бошад, пеш аз ҳама аз низоми таълими томактабӣ сар мешавад.

**Бахши мактаб ва**
**маънавияти «Овози тоҷик».**

*Нуқтаи назар*

# МО ЧАРО ДАР ФУРӮШГОҲҲО БА ДОМИ «МАНИПУЛЯТСИЯ» МЕАФТЕМ?

Дар ҷаҳони муосир як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти иҷтимоии инсон манипулятсия мебошад. Манипулятсия (қаллобӣ, фиребгарӣ) – як навъ усули асосии таъсир расонидан ба андешаву эҳсосоти одамон бо мақсади ба манфиати худ истифода бурдани онҳост. Чун мо ба бозор рафта, молу маҳсулот мехарем, мумкин аст, ба осонӣ ба доми манипулятсия афтем, зеро дар бозор муҳити кумакрасон барои истифодаи чунин тактикҳо – қаллобон хеле зиёд аст. Бозор чун муҳити табиӣ барои фиребгарӣ хидмат мекунад.

Ҳар рӯз мо дар телевизион, радио ва интернет реклама – эълонҳои маҳсулоти гуногунро мебинем. Дар онҳо маҳсулот гӯё бекаму кост, бемонанду беназир падидор мешаванд, ки ба манфиати шахсии истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагон хидмат мекунад. Таҳқиқот нишон додаанд, ки 80 фоиз харидорон маҳсулотро на бо далелҳои аниқу дақиқ, балки бинобар реклама, бо таъсири эҳсосотӣ харид мекунанд.

Дар бозорҳои онлайн бисёр веб-сайтҳои фурӯш мавҷуданд, ки метавонанд ба шиддати эҳсосотӣ таъсир расонанд ва харидоронро ба қарорҳои зуду бидуни андеша водор кунанд.

Супермаркетҳо ва мағозаҳои онлайни харид, ба монанди «Корзинка», ҷойҳои муҳим барои манипулятсияҳои маркетингӣ мебошанд. Онҳо бо сӯиистифода аз психологияи инсон ва роҳҳои гуногуни маркетинг, одамонро водор мекунанд, ки харидро бидуни қарорҳои андешидашуда ва ба манфиати фурӯш қабул кунанд.

Шумораи зиёде аз манипулятсияҳои маркетингӣ дар супермаркетҳо ва фурӯшгоҳҳои дигар ба воситаи ҷойгиркунии маҳсулот, яъне бо роҳҳои бедор кардани ҳусни таваҷҷуҳ сурат мегиранд. Чунончи, маҳсулоти писандидаи харидорон дар рафҳои болоӣ ва маҳсулоти камхаридор дар зинаҳои поён ҷойгир карда мешаванд.

Фурӯшгоҳ ва супермаркетҳо аксар вақт нархҳоро ба таври «психологӣ» тарҳрезӣ мекунанд. Масалан, «99 сӯм» ё «49 сӯму 99 тин» (на 100 ё 50 фоиз) нарх гузошта мешавад, ки гӯё арзонтар аст, дар ҳоле ки фарқияти хурд боқӣ мемонад. Ин роҳ ба пешниҳоди «як ба як» ё «пурра» барои харид имкон медиҳад ва харидоронро бештар ҷалб мекунад.

Фактҳои зерин низ омили манипулятсия дар супермаркетҳо мебошанд:

1. **Навбатҳои касбӣ.** Супермаркетҳо аксар вақт маҳсулотро ба тарзи муассир ва стратегӣ ҷойгузин мекунанд. Маҳсулоте, ки харидоргиранд, харидоронро бештар ҷалб мекунанд, ба наздики касса ё ҷойҳои намоён гузошта мешаванд, чунончи чипс, шоколад ё нӯшокиҳои гуногун.

2. **Психологияи ранг.** Рангҳои муайян (масалан, сурх ё зард) барои барангехтани эҳсосоти фаврӣ ва ҷалби диққат ба маҳсулот истифода мешаванд. Ба ҳамин тартиб маҳсулоте, ки фурӯшгоҳҳо мехоҳанд бо рангҳои аниматсияшуда ҷолибтар ба назар расанд, аксар вақт дар паҳлӯи кашф ё қуттӣ ҷойгузин мешаванд.

3. **Эҳсоси шахсият.** Маҳсулот инчунин барои барангехтани эҳсоси шахсият ба харидор ҷолиб пешниҳод мешаванд. Масалан, касса ё гурӯҳҳои ташвиқотии махсус, ки барои ангехтани эҳсосоти шахсӣ истифода мешаванд.

Манипулятсияҳои мазкур асосан барои зиёд кардани фурӯш ва ба даст овардани манфиатҳои бештар мавриди истифода қарор мегиранд.

Мақсади ниҳоӣ ва асосӣ – водор кардани харидор ба қабули қарорҳои ҳарчи зуд аст, ки манфиати соҳибони фурӯшгоҳҳо ва фурӯшро зиёд мекунад.

**Салоҳиддин**
**ҶАҲОНГИРЗОДА,**
**донишҷӯйи**
**Донишкадаи омӯзгории**
**Ӯзбекистон –**
**Финландия.**



*Соли сипаригардида барои аҳолии маҳаллаи Шовонаи ноҳияи Қӯшработи вилояти Самарқанд соли фаромӯшнашаванда гардид. Чунки дар давоми сол баҳри беҳбудии сатҳи зиндагии мардум, аз ҳудуди вазнин баровардан ва беҳтар намудани инфрасохтори маҳалла корҳои доманфарохи ободонию бунёдкорӣ ба сомон расиданд.*

*Бунгоҳи тиббии оилавии маҳалла, муассисаи таълими томактабии рақами 12, мактабҳои таълими умумии рақами 8, 9, 16 ва 35-ум аз таъмир баромаданд. Бинои нави маҳалла, маскани нуронҳо ва хонаи дӯзандагӣ сохта шуд. Дар маркази маҳалла бозорчаи хурд ташкил гардид.*

***Суратгир: А. ИСРОИЛОВ, ЎзА.***

# ФАТҲИ ҚУЛЛАҲО

## ё худ шоҳмот бозии зеҳнӣ

***Шоҳмот бозии варзишӣ, тафреҳӣ-зеҳнӣ буда, дар худ ҳам хусусияти маърифатӣ ва ҳам унсурҳои илмиро муҷассам кардааст. Шоҳмотбозони асил даҳҳо асарҳои илмию оммавӣ оид ба тахайюлу тафаккури мантиқӣ, таҳаммулпазирӣ, сабру тоқат, аз даст надодани инону ихтиёр, таҳлили вазъи кунунӣ ва дурнамои онро меомӯзанд. Шоҳмот бозиест, ки чандин паҳлуи мусбат низ дорад. Он ба таҳкими ирода барои ғалаба, раҳоӣ аз ҳолатҳои мураккаб, мустаҳкамии хотира, мураттаби кории майнаи сар, афзоиши дараҷаи мантиқии фикрронӣ мусоидат менамояд. Пас барои пешрафти соҳа дар кишвар ҷорӣ намудани омӯзиши шоҳмот чун соати дарсии алоҳида, на ҳамчун маҳфил дар муассисаҳои таълимӣ барои кӯдакону наврасон, хеле муҳим аст.***




Шоҳмот ҳамчун фанни алоҳида дар муассисаҳои таълимии давлатҳои пешрафтаи Аврупо ва Эрону Ҳиндустон омӯзонида мешавад. Он ба тафаккури наврасон рушд бахшида, хотираро қавӣ мегардонад. Пеш аз ҳама бачагон тарзи дурусти рақобат ва саъю талош бо ҳарифро ёд мегиранд, дар онҳо бовар ва эътимод нисбати иродаи худ ҳосил мегардад. Зеро шоҳмотбози ҳақиқӣ дар душвортарин лаҳза ҳам сари тахтаи шоҳмот рӯҳафтода нест, ӯ ҳамеша ба пирӯзии худ эътимод дорад. Мақсад ин нест, ки дар оянда ҳама шоҳмотбози маълуму машҳур шаванд, балки ҳадаф он аст, ки шахсиятҳои ботаҳаммулу боандеша, ботадбиру боирода ба воя расанд. Аз ин рӯ роҳандозӣ намудани дарси шоҳмот дар муассисаҳои таълимӣ, тавре ки гуфтем, хеле муҳим ва судманд аст.

Федератсияи шоҳмот аз лаҳзаи таъсисёбиаш (соли 1992) то имрӯз ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Ҷавонону наврасон аз рӯйи шоҳмотбозӣ дар мусобиқаҳои дохил ва хориҷи мамлакат иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён гардидаанд.

Солҳои охир дар Ӯзбекистон таваҷҷӯҳ ба бозии шоҳмот зиёд гардида, ҷавонону наврасон ва калонсолон ба ин намуди варзиш майли зиёд пайдо намуданд. Шоҳмотбозони тими мунтахаб дар Олимпиадаи ҷаҳонии шоҳмот, ки моҳҳои июл – августи соли 2022 дар шаҳри Ченнайи Ҳиндустон баргузор гардид, байни тимҳои мунтахаби 169 давлати ҷаҳон ҷойи аввалро касб кард. Ӯзбекистон бори аввал соҳиби медалҳои тиллои Олимпиадаи ҷаҳонии шоҳмот гардид. Ва имрӯз тими мунтахаби шоҳмотбозон дар радабандии байналхалқии шоҳмот байни 169 давлат дар ҷойи 12-ум қарор дорад.

Ба дастаи мунтахаби мардон Нодирбек Абдусатторов, Ҷавоҳир Синдоров, Нодирбек Яъқуббоев, Шамсиддин Воҳидов ва Ҷаҳонгир Воҳидов ва ба тими занона Афрӯза Ҳамдамова, Нилуфар Яъқуббоева, Умеда Амонова, Марҷона Маликова ва Нодира Нодирҷонова шомил мебошанд.

Дар радабандии байни 40 гроссмейстери ҷавонтарини ҷаҳон Ҷавоҳир Синдоров дар ҷойи чорум ва Нодирбек Абдусатторов дар мақоми шашум қарор гирифтаанд. Ҷавоҳир Синдоров дар синни 12 солу 10 моҳу 5 рӯзагӣ ва Нодирбек Абдусатторов дар 13 солу 1 моҳу 11 рӯзагӣ ба гирифтани рутбаи олии бозии шоҳмот – гроссмейстер ноил гардидаанд.

Дар радабандӣ байни 100 нафар шоҳботбозони беҳтарини ҷаҳон Нодирбек Абдусатторов дар ҷойи ҳаштум ва Ҷавоҳир Синдоров дар мақоми даҳум қарор доранд. 4 нафар шоҳмотбозони ӯзбекистонӣ ба сафи 100 нафар шоҳмотбозони беҳтарини ҷаҳон ворид гардидаанд.

Аъзои тими мунтахаби занон комёбиҳои назаррас ба даст овардаанд. Афрӯза Ҳамдамова агар дар чемпионати ҷаҳонии шоҳмоти синнашон то 14 ҷойи аввал ва унвони қаҳрамониро соҳиб шуда бошад, соли равон байни духтарони то 16 сола низ ба гирифтани унвони қаҳрамонӣ ноил гардид.

Қарори Президент аз 4 августи соли 2022 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ барои боз ҳам ривоҷ додан ва оммавӣ гардонидани бозии шоҳмот» ба рушди бозии шоҳмот дар мамлакат имкониятҳои навро муҳайё намуд. Мувофиқи ин қарор дар ҳудуди истироҳатгоҳи «Тӯдакӯл»-и ноҳияи Қизилтепаи вилояти Навоӣ Мактаби байналхалқии шоҳмот ташкил ёфт. Мактаб аз ҷониби Комбинати маъданҳои кӯҳии Навоӣ мувофиқи талаботи стандартҳои байналхалқӣ бунёд ёфтааст. Дар мактаб шоҳмотбозон барои иштирок дар мусобиқаҳои байналмилалӣ, олимпиадаҳо ва Бозиҳои осиёӣ, чемпионатҳои ҷаҳон ва Осиё, универсиадаҳо тайёр карда мешаванд. Ба тарбияи шоҳмотбозони ҷавон мутахассисони бомаҳорат, рӯҳшинос, услубшиносон ва гроссмейстерҳои машҳури ҷаҳон ҷалб гардидаанд. Мураббиён ҳам бо мактабҳои байналхалқии машҳури шоҳмоти ҷаҳон ҳамкориро ба роҳ монда, таҷрибаи ҳамдигарро меомӯзанд.

Мувофиқи қарори сарвари давлат аз соли 2023 ҳар сол дар мактаби мазкур зинаи ниҳоии мусобиқаҳои «Рокировка», «Нуронийлар», «Чексиз имкон», «Womens Chess Champiohshir» ва «Uzbekistan Chess Open» мунтазам гузаронида мешаванд.

Мувофиқи қарори сарвари давлат маблағи умумии ҷоизаҳо барои ғолибони мусобиқаҳои байналхалқӣ вобаста ба сатҳи онҳо муайян гадидааст. Чунончи, ғолибони ҷойҳои 1, 2, 3-юми Олимпиадаи ҷаҳонии шоҳмот мутобиқан бо маблағи 600 миллион сӯм, 300 миллион сӯм ва 150 миллион сӯм мукофотонида мешаванд. Мураббиёни онҳо низ бо ними ҳамин маблағҳо сарфароз мегарданд.

Ӯзбекистон дар соли 2026 мизбони Олимпиадаи ҷаҳонии шоҳмот мешавад. Ин қарор аз ҷониби Конгресси ФИДЕ, ки дар шаҳри Ченнайи Ҳиндустон баргузор шуд, қабул гардид. Мусобиқа дар шаҳри Самарқанд ташкил гардида, бозиҳои ниҳоии он мусобиқа нишондоди сарвари давлат дар Мактаби байналмилалии шоҳмоти истироҳатгоҳи «Тӯдакӯл» баргузор хоҳанд шуд.

Мояи хушнудист, ки соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар маркази таваҷҷуҳи махсуси Президент Шавкат Мирзиёев қарор дорад. Дар замони муосир ба тарзи ҳаёти солим ва варзиш, махсусан ба намуди шоҳмот ҷалб кардани қишрҳои гуногуни ҷомеа аҳамияти муҳим дошта, ба рушди зеҳнии наврасону ҷавонон ва калонсолон мусоидат хоҳад кард.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# АМАЛИЁТИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ «4+2» ВА НАҚШИ ОН

## дар ташаккули муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ

***Агар гӯем, ки ислоҳоти соҳаи таълим – яке аз соҳаҳои долузарб дар маркази эътибори ҳукумат аст, муболиға намешавад. Солҳои охир қонуну қарорҳое, ки ба ислоҳу рушди сохтори таълими томактабӣ, мактабӣ ва олӣ нигаронида шудаанд, қабул ва ба амал татбиқ карда мешаванд.***

Ҳар сол биноҳои нави таълимӣ бунёд меёбанд, мутахассисон зиёд шуда, китобҳои дарсӣ ва аёниятҳои таълимии замонавӣ рӯйи кор меоянд. Ба қарибӣ суҳбати роҳбари давлатро бо вазири таълими томактабӣ ва мактабии ҷумҳурӣ Ҳ.Умарова оиди корҳои баанҷомрасида ва нақшаҳоиояндаи соҳа шунидем.

Дар суҳбат қайд гардид, ки тӯли солҳои охир бо такя ба таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, миқдори муассисаҳои томактабӣ 8 баробар афзуда, ба 38 ҳазор адад расид, фарогирӣ бо таълими томактабӣ бошад, аз 25 то ба 76 фоиз боло рафт.

Фароҳам овардани шароит баҳри рушди ҳарҷонибаи зеҳнӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва ҷисмонии бачаҳои синни томактабӣ, васеъ ҷорӣ намудани инноватсия, технологияи пешқадами педагогӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ, таъмини ташкилотҳои таълими томактабӣ бо компутер давра ба давра амалӣ мегардад.

Соли равон зиёда аз 100 мактаби нав ба фаъолият оғоз намуда, 257 ҳазор нафар хонандаро фаро мегирад. Соли сипаригардида дар 1,5 ҳазор мактаби таълими умумӣ низоми нави баҳогузорӣ ҷорӣ гардид ва пешбинӣ мегардад, ки соли равон шумори чунин мактабҳо васеътар мегардад.

Ҳамаи ин саъю ҳаракатҳо, бешак, ба рушди таълими босифат хидмат мекунад.

Мавриди зикр аст, ки таълими ибтидоӣ яке аз бахшҳои муҳимтарини таълим маҳсуб мешавад. Омода кардани мутахассисони болаёқат ва эҷодкор дар ин соҳа аз мушкилоти рӯзмарраи муассисаҳои таълими олӣ ба шумор меравад. Яке аз самтҳои асосии омода кардани кадрҳои ботаҷриба ин таҷрибаомӯзии онҳо дар муассисаҳои таълими ҳамагонӣ мебошад. Дар сохтори таълими замони муосир таҷрибаандӯзии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ ва ба роҳ мондани амалиёти педагогии онҳо дар муассисаҳои таълими умумӣ ҷузъи ҷудонопазири раванди таълими олӣ ба ҳисоб меравад. Таҷрибаомӯзии педагогӣ пеш аз ҳама ҳангоми таҳсил дар муассисаи олӣ дар баробари омӯхтани донишҳои назариявӣ, аз худ кардани малакаю маҳорати амалии касбӣ, яъне ба кори таълиму тарбия дар мактаб омода гардидан равона гаштааст. Аз ин ҷо, дар самти тайёрии касбии омӯзгорон, бахусус, омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, таҷрибаомӯзии педагогӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Мувофиқи таҷрибаҳои байналмилалӣ ва дар асоси банди 7-уми фармони Президент аз 11-уми майи соли 2022 «Дар бораи рушди таълими халқ дар солҳои 2022-2026» ва банди 2-юми қарори Президент «Чораҳои баланд бардоштани сифати таълими халқ ва инкишофи минбаъдаи мактабҳои олӣ, ки кадрҳои педагогиро омода менамоянд», ҳоло дар муассисаҳои олии педагогии кишвар, аз ҷумла донишкадаи мо, донишҷӯёни курсҳои 2-4 вобаста ба барномаи «4+2» дар муассисаҳои таълими томактабӣ ва миёнаи умумӣ амалиёти педагогии хешро анҷом медиҳанд.

Дар ҷараёни амалиёти «4+2» мутахассисони оянда дониши назарии касбиро ба таври мустақилона дар раванди таълим тадбиқ намуда, ба таҷрибаи таълимдиҳӣ соҳиб мешаванд. Аз малака ва таҷрибаҳои муаллимони пешқадаму соҳибтаҷрибаи мактабҳо баҳраманд гашта, роҳҳои ба амал тадбиқ намудани технологияи нави педагогӣ ва методҳои интерфаъолро аз худ менамоянд.

Таҷрибаомӯзӣ, ки он қадамҳои нахустини муаллими оянда дар роҳи татбиқи донишҳои назариявӣ ба амалиёт аст, аз донишҷӯи таҷрибаомӯз дониши мукаммал ва малакаву маҳорати баланди педагогиро талаб менамояд. Аз ин рӯ, ба донишҷӯи таҷрибаомӯз зарур аст, ки дар баробари мустаҳкам намудани донишу маҳорати худ, инчунин, бояд аз маслиҳату машварати методистон ва муаллимони соҳибтаҷриба самаранок истифода намояд, то маҳорати омӯзгории хешро сайқал диҳад.

Барои самарабахш баргузор гардидани таҷрибаи педагогӣ ба донишҷӯ лозим аст, ки аз васоити таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, дастурҳои методию технологияҳои нави омӯзгорӣ, ки ба мавзӯи дарс вобаста аст, огоҳ бошад, аз онҳо ҳангоми амалиёт дар дарсҳо истифода барад.

Маврид ба зикр аст, ки таҷрибаомӯзии педагогии «4+2» дар мутобиқшавии омӯзгорони оянда, бахусус муаллимони синфҳои ибтидоӣ ба кори таълиму тарбияи насли наврас, ба фаъолияти педагогии онҳо таъсири мусбат мерасонад. Зеро маҳз дар амалиёти педагогӣ донишҷӯ бо фаъолияти омӯзгорӣ шинос гардида, тадриҷан маҳорати педагогии худро сайқал медиҳад, кору муносибат, муошират ва муомила бо ҷамоаи хонандагон ва роҳу усулҳои фаъолияти педагогиро амалан аз бар менамояд.

Донишҷӯёни таҷрибаомӯзро лозим аст, ки ҳангоми амалиёти таҷрибаомӯзӣ бо масъулияти баланд иштирок намуда, сари вақт аз асрори касби омӯзгорӣ хабардор бошанд, усулу методҳои наву интерфаъолро омӯзанд, то дар оянда дар раванди фаъолияти касбиашон ба мушкилиҳо рӯбарӯ нагарданд.

**Ф. ШОДИЕВ,**
**мудири кафедраи таълими ибтидоии Донишкадаи омӯзгории Ӯзбекистон – Финландия.**
**Н. ҚАЮМОВ,**
**дотсенти донишкада.**



# БИНОИ НАВ ТУҲФАИ СОЛИНАВӢ ШУД

***Дар ноҳияи Чуст бинои нави муассисаи таълими томактабии давлатии рақами 17 ба истифода супурда шуд, ки ба фарзандони маҳалла туҳфаи солинавӣ гардид.***

Бинои куҳна соли 1966 сохта шуда, ба талаб ҷавоб намедод. Барои аз нав барпо намудани муассиса аз ҳисоби Бонки ҷаҳонӣ 4 млрд. 431,99 млн. сӯм маблағ ҷудо шуд. Корҳои сохтмонӣ аз тарафи бинокорони ҶММ «Чиндовул қурилиш инфо», ки Ҷаъфархон Мамадалиев роҳбарӣ мекунад, ба анҷом расид.

Маскани нави сеошёна дорои хонаҳои махсуси таълимӣ, таҷҳизоти зарурӣ ва воситаҳои техникии замонавӣ мебошад.

Дар кушодашавии муассиса ҳокими ноҳия Бахтиёр Салимҷонов, роҳбарони секторҳо, муассисаҳои таълими томактабӣ, фаъолони аҳли ҷамоаи маҳаллаи Сарқамиш-Мирзаобод ва падару модарон ширкат варзиданд. Нотиқон барои фароҳам овардани шароити мусоид ба роҳбари давлатамон ва бинокорон миннатдорӣ изҳор карданд.

Мураббиёни соҳибмалака бо бачагон машғулотҳоро бо усулҳои интерфаъол, ки ба ташаккул додани тарзи ҳаёти солим ва баланд бардоштани салоҳияти зеҳнии онҳо нигаронида шудааст, дар шароити замонавӣ давом медиҳанд. Тарбиягирандагон дар ҷараёни машғулот нақшҳои гуногун кашида, дониши ибтидоии математикӣ, қобилияти эҷодии худро намоён мекунанд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

***Ин ғояи нав дар мулоқот бо як гурӯҳ роҳбарони омӯзишгоҳҳои касбиву техникии вилояти Қашқадарё аз забони ҳокими вилоят садо дод.***

# «ТАҶРИБАИ ҚАШҚАДАРЁ» ҶОРӢ ХОҲАД ШУД

Дар назар аст, ки аз оғози соли 2025 таълимгоҳҳои минтақа дар самти таълими ихтисосӣ ба зинаи сифатан нави омӯзишу парвариш қадам гузошта, дар омодасозии кадрҳои баландихтисос, ки талаби давру замон буда, коргоҳҳои ватанӣ сахт ниёзманд ҳастанд, саҳм бигиранд. Ҳокими вилоят дар ҷараёни таҳлили бурду бохти соҳаи мазкур аз ин ғояи нав таъкид кард, ки минбаъд дар сурати самарабахш анҷом ёфтан чун «Таҷрибаи Қашқадарё» дар дигар манотиқи кишварамон татбиқ хоҳад шуд.

Дар ин мулоқот дастовардҳои омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ як-як баршумурда ва сухан аз мушкилоти соҳа низ ба миён омад ва махсус таъкид гардид, ки аз ин баъд бештар ба таълими касбии ҷавонон тамаркуз гирифта, сохтори таълими дуалиро ҷорӣ хоҳанд сохт. Таълими дуалӣ (дусамта) асосҳои назариву амалии таълимро фаро гирифта, ба рушди донишомӯзон мусоидат мекунад ва баъд аз хатми таълимгоҳҳо онҳо чун мутахассисони омода кор пайруфта хоҳанд шуд.

Дар ҷамъомад ному пайкори як идда омӯзишгоҳҳо махсус таъкид ёфт, ки ҳамрадифи замона қадам мениҳанд. Назар ба гуфтаи ҳокими вилоят, коллеҷи омӯзгории ноҳияи Кӯкдала 100 ҳазор ниҳол шинонидаву парвариш карда, имрӯз ба назари Президент афтодааст. Сарвари техникуми педагогии вилояти Қашқадарё Санҷар Раҳматов низ муваффақ гаштааст, ки як бинои бекорхобидаро ба гармхонаву сардхонае мубаддал карда, солона аз фурӯши ниҳолҳо ва маҳсулоти дигар 3-4 миллиард сӯм даромад ба даст орад. Мавсуф аз ҳисоби ин маблағ майдони футбол ва ҳавзи шиновории болопӯшидае низ бунёд кардааст.

Дар ҷамъомад роҳҳои ҳалли мушкилоти соҳаи таълим, масоили долузарби вобаста ба сифати таълим муҳокима шуд ва таъкид гардид, ки ин ҳама мушкилот дар соли 2025 бояд ҳалли худро ёбанд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**

*Акси садо*

# ҲАР ДУ ХАТО ДОРАНД

***Мақолаҳои «Таълим дар кӯдакистон бо чанд забон аст?» («Овози тоҷик», №100, 14 декабри соли 2024) ва «Масъулони вазорат дуруст мегӯянд ё садорат?» («Овози тоҷик», №102, 21 декабри соли 2024)-ро хонда, ҳайратам афзуд.***

Ман, ки дар вилояти Навоӣ зиндагӣ дорам, бо вазъи муассисаҳои таълими томактабӣ ва мактабии вилоят ошноӣ дорам. Ва аз вазъи муассисаҳои таълими томактабӣ ва мактабии деҳоти тоҷикнишини вилояти Ҷиззах, ки дар ҳамсоягӣ бо мо қарор доранд бохабарам. Чанде пеш ба чанде аз деҳоти ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах рафта, бо ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии минтақа шинос шудам.

«Аз рӯйи маълумоти вазорат дар вилоятҳои Ҷиззах ва Навоӣ мутаносибан 1724 ва 1462 кӯдакистон фаъолият намуда, дар вилояти Ҷиззах 93209 нафар дар гурӯҳҳои ӯзбекӣ, 5765 нафар дар гурӯҳҳои русӣ, 30 нафар дар гурӯҳҳои тоҷикӣ, дар вилояти Навоӣ бошад, 67317 нафар дар гурӯҳҳои ӯзбекӣ, 3379 нафар дар гурӯҳҳои русӣ ва 60 нафар дар гурӯҳҳои қирғизӣ таълиму тарбияи томактабиро мегиранд. Дар ду вилоят 2816 нафар бо дигар забонҳо асрори илму ахлоқ мегиранд» («Овози тоҷик», 21 декабри соли 2024).

Бино ба маълумоти ҷонишини сарвари Садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилояти Навоӣ Муҳиддин Қушоков раванди таълиму тарбия дар кӯдакистонҳои вилояти Навоӣ бо забонҳои ӯзбекӣ, русӣ ва қазоқӣ роҳандозӣ шудааст. Пас дар вилояти Ҷиззах ҷамъ 30 нафар кӯдакон дар кӯдакистонҳо тоҷикӣ таълим гирифта, дар вилояти Навоӣ гурӯҳе ба забони тоҷикӣ вуҷуд надорад?!

«Дар вилояти Ҷиззах бошад, раванди таълиму тарбия бо ду забон – ӯзбекӣ ва русӣ роҳандозӣ шудааст», – маълумот додааст сарвари шуъбаи ҳамоҳангсозии ташкилотҳои таълими томактабии Садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят Наргиза Муродова.

Мантиқӣ сарлавҳагузорӣ шудааст ба мақола: «Масъулони вазорат дуруст мегӯянд ё садорат?» Маълумотҳои пешниҳодкардаи масъулини ҳар ду муассиса ба ҳақиқат рост намеояд.

Аввалан, то ҷое, ки ман медонам, дар вилояти Навоӣ маҳалле нест, ки қирғизҳо дастҷамъона зиндагӣ кунанд ва ё муассисаи таълими томактабӣ ва мактабӣ ба ин забон вуҷуд дошта бошад. Зиёданд маҳаллаву шаҳрҳое (аҳолии шаҳрҳои Нуратову Ғозғон асосан тоҷикзабон мебошанд), ки қазоқону тоҷикон дастҷамъона будубош доранд.

Дувум, маълумотҳои вазорату садорат бо ҳам мувофиқат надоранд, ҳол он ки маълумоти вазорат дар заминаи ҳисоботи садорат омода карда мешавад. Пас маълумотҳои оморӣ нодуруст пешкаш карда шудааст. Сониян, дар деҳаҳои Эҷ ва Синтаби ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ ду кӯдакистон фаъолият дорад, ки кӯдакон ба забони модариашон – тоҷикӣ таълиму тарбия мегиранд. Дар муассисаи давлатии таълими томактабии деҳаи Эҷ, ки дар бинои хеле қашанги замонавии таъмин бо таҷҳизоти нав ҷойгир аст, 75 нафар ва дар кӯдакистони ғайридавлатии «Гули бодом»-и деҳаи Синтаб 20 нафар кӯдакон таълиму тарбия мегиранд.

Дар деҳаи Моҷарми ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах муассисаи давлатии таълими томактабии шумораи 20, ки дар бинои дуошёна маскан дорад, дар 4 гурӯҳ 100 нафар кӯдаконро фаро гирифтааст. Дар кӯдакистони шумораи 8-уми деҳаи Ӯхм 60 нафар кӯдакон таълиму тарбия мегиранд.

Ноҷӯриҳо дар ҳисоботи оморӣ ба кори таълиму тарбия таъсири манфӣ дорад. Зеро имрӯз дастбакорони ҳамаи кӯдакистонҳо аз набудани маводи таълимӣ – услубӣ, дидактикӣ ба забони таълим шикоят доранд. Ва ҳамин омил аст, ки бисёриҳо фарзандонашонро ба муассисаҳои таълими томактабии забони дигар месупоранд. Вақте ки дар маълумотномаҳои оморӣ теъдоди таълиму тарбиягирандагони муассисаҳои таълими томактабии забонҳои миллӣ ғалат ва ё умуман қайд карда намешавад, болонишинон аз куҷо донанд, ки ба забонҳои миллӣ муассисаҳои таълимӣ вуҷуд дорад. Пас ба ин забонҳо маводи таълимӣ – услубӣ, дидактикӣ ва асарҳои бадеӣ барои кӯдакон табъу нашр намеёбанд. Камина даҳҳо варианти электронии китобҳои бачагонаро мувофиқи синну сол ба муассисаҳои таълими томактабии шумораи 17-уми ноҳияи Нурато ва 20-уми ноҳияи Фориш дастрас намудаам.

Мақолаҳои номбурдаи «Овози тоҷик» номутаносибии кори садоратҳои вилоятӣ ва Вазорати таълими томактабӣ ва мактабиро баррасӣ намуда, нуқсонҳои муассисаҳоро ошкор намуд. Ин ҳама ба манфиати кор аст. Ислоҳотиояндасози кишвар ҳаминро тақозо дорад. Умед дорем, ки дигарон низ доираи ин масоил аз ҳудуди худ маълумотҳои дақиқ пешниҳод мекунанд.

**Ӯзбекбойи РАҲМОН,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Дар ҷевони китоб*

# ДУ АРМУҒОНИ ЯК НАШРИЁТ




Аз тариқи нашриёти «Javohir ilm nashr» ду дафтари шеърии ҳамкорамон Муҳаммадҷон Шодӣ аз чоп баромад. Маҷмуаи аввал «Қасидаи Ватан» унвон дорад ва аз шеърҳо дар мавзӯи Ватан фароҳам омадааст. Муҳаррири масъул – мудири бахши адабиёт ва ҳунари рӯзнома Абдулло Субҳон. Дар шиносномаи дафтари шеърӣ қайд шудааст: «Маҷмӯаро мехонед ва ҳис мекунед чӣ тавр афкори ватанпарастона дар либоси тасвирҳои дилнишин ба мазмуну мундариҷаи падидаҳои қаламӣ ғановат мебахшанд».

Сурудаҳо дар васфи Ватан дар жанрҳои гуногуни шеърӣ иншо шудаанд. Аксарият дар шакли ғазал аст. Яке аз ғазалҳо, ки гуворо садо дода, меҳру муҳаббати ҷавонони моро нисбати Ватан-Модар ифода менамоянд, бо чунин байтҳо оғоз меёбад:

*Чун гиёҳ дар боғи ту*
*рустем, ҷоноҷон Ватан,*
*Субҳ рӯ дар шабнамат*
*шустем, ҷоноҷон*
*Ватан.*
*Сабз гардад то саропои*
*ту, гӯё ҷӯйи дил*
*Бар биёбонҳои ту бастем,*
*ҷоноҷон Ватан.*
*...Ҳамчу кӯҳи ту писарҳои*
*назарболостем,*
*Мо писар не, гар*
*назарпастем, ҷоноҷон*
*Ватан!*

Ҷанбаи иҷтимоии «Абрҳои гуҳарбор», «Мазҳари муҳаббат», «Зеби сухан», «Дӯст медорем» барин ғазалҳо то андозае қавӣ буда, қаҳрамони лирикӣ ҳамватанро талқин месозад тавре модарро дӯст медорад, бояд Модар-Ватанро азиз дорад, то дар ҳаёт сарбаланд ва растагор бошад, ба қадри ёру диёр бирасад. Дар «Дунёи ман», «Субҳи Ватан», «Китоби зери болин», «Саҷдагоҳ» барин сарводаҳо, ки низ дар таранауми Ватан гуфта шудаанд, хонанда ба тасвирҳои дилнишину самимӣ, ба тозакориҳои эҷодии гӯянда, таркибҳои пурҷило, ки бори маънӣ ба дӯш доранд, дучор омада метавонад.

Яке аз шеърҳо «Қасидаи Ватан» унвон гирифта, аммо дар жанри анъанавии қасида навишта нашудааст. Мисраъҳо дарозу кӯтоҳ, вале дар шеъри нисбатан калонҳаҷмтаре, ки дар маҷмӯа ҷой гирифтааст, ҳамаи 84 мисраъ дар як қофияанд – мисраъе озод нест:

*Ватан – пазмонии рӯҳи*
*низори ман,*
*Ватан, эй шуълаи уммед*
*бар чашмони чори ман.*
*Ватан – дилгумзании ин*
*тани ҷонбеқарори ман,*
*Ватан, эй ҷони*
*танҳомондаи*
*чашминтизори ман!..*

Маҷмӯаи дигари муаллиф «Манзараи Обишир» аз шеърҳо барои кӯдакон ва наврасон таркиб ёфтааст. Дар он манзараҳои нотакрори табиати диёр бо рангҳои дилкашу ҷилодор, ки ҳамранг бо орзуву омоли дунёи беғубори кӯдакист, ба қалам кашида шудаанд.

*Сабзбаҳори дигар,*
*Гул ба сару гул ба бар,*
*Тозаву тар ин қадар,*
*Манзараи Обишир!*
*Обҷаҳи бошукӯҳ –*
*Шир фуроянд зи кӯҳ,*
*Завқ физоянд ба рӯҳ,*
*Шаршараи Обишир.*
*Муъҷизае ҷилвагар,*
*Ҳаст ба пеши назар,*
*Кард чу оҳу гузар,*
*Аз дараи Обишир.*

Маҷмӯа, гумоне, бозгӯкунандаи таассуроти ботинии тифлест, ки ба Ватан, ба модару муаллим ва ба забони модарии худ меҳру муҳаббати пок ва самимӣ дорад.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**



*Дар беморхонаи кумаки таъҷилии тиббии байниноҳиявии Қӯқанд то солҳои наздик бо истифода аз ускунаҳои тиббии куҳна хидмати тиббӣ расонда мешуд. Акнун дар ин ҷо бо истифода аз ҷиҳози замонавию инноватсионӣ амалиётҳои ҷарроҳии баландтехнологӣ низ анҷом додан мумкин. Дар назди шифохона маркази ортопедии муштарак ва бемориҳои рагҳои хун низ ташкил карда, бо таҷҳизоти зарурӣ муҷаҳҳаз шудааст.*

*Ба туфайли қулайиҳои замонавӣ дар давраи гузаштаи соли ҷорӣ дар маскани шифо наздик сад ҷарроҳии мураккаб ва 1227 амалиёти ҷарроҳии баландтехнологӣ гузаронида шуд.*

***Дар сурат:** дар шифохонаи кӯмаки таъҷилии тиббии байниноҳиявии Қӯқанд.*

***Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# ИНСОН БО ҲУНАРИ ВОЛО НОМ ГИРАД

***Дар Маркази ҷавонони шаҳри Самарқанд зинаи ҷумҳурии «Озмуни касбҳо» ба вуқӯъ пайваст. Қариб сад нафар довталабон ҳунари волои худро доир ба касбу кори нонпазӣ, таҳияи либосҳо, сохтмон, пайвандгарӣ ва ғайра намоиш доданд.***

Дар масъалаи нонпазӣ ҳеч кас ба вакили ноҳияи Пастдарғам Сабрина Нуруллоева баробар шуда натавонист. Ӯ дар 40 дақиқа нон пухта, ҳакамон ва тамошобинонро дар ҳайрат гузошт. Бинобар ҳамин шоҳсуфаи баланд ба вай насиб кард.

Дар мусобиқоти пайвандгарон Даурбек Давронов аз Тошканд ғолиб шуд. Аз рӯйи намуди тарҳу дӯхти либос вакили Қароқалпоқистон Ирода Юсуфова пешдастӣ кард. Номи «Бинокори беҳтарин»-ро Собирҷон Нусратов, намояндаи вилояти Бухоро гирифт.

Ҳамаи ғолибон 50 миллион сӯмӣ мукофотпулӣ гирифтанд. Инчунин ба иштирокчиёни озмун 5 миллион сӯмӣ тақдим гардид.

– Ман 15 сол боз бо нонвоӣ машғул, – гуфт Сабрина Нуруллоева. – Маҳсулоти тайёри хешро дар мағозаҳои ноҳияи Пастдарғам фурӯхта, тадбиркории худро вусъат медиҳам.

Боиси хушнудист, ки дар кишварамон ба соҳибкорон имкониятҳои зарурӣ фароҳаманд ва аз бонкҳои давлатӣ кредитҳои имтиёзнок медиҳанд.

Камина аз чунин имкониятҳо истифода намуда, бо ҳунар эҳтиром пайдо кардам ва имрӯз мукофотпулӣ доданд, ки хеле сарфарозам.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

Ёди некон

# ЗИНДАВУ ҶОВИД МОНД...

Чанде муқаддам омӯзгори меҳрубон ва устоди садҳо шогирдон Ёқубҷон Зарифов ба Ҳақ пайваст. Марги вай барои пайвандон, дӯстон ва шогирдон хеле ногаҳонӣ буд, зеро бо вуҷуди расидан ба таги хаштод ҳанӯз бардам ва солиму чолок менамуд. Вай аз зумраи ҳамон зиёиёни чаҳор даҳсолаи охири қарни гузашта маҳсуб меёфт, ки ҳар вазифаи бар дӯш доштаашро бо масъулияти том ва эҳсоси баланд ба ҷо меовард, ба бовари умум сазовор мегардид. Ин гуфтаҳо ба он маънист, ки солҳои дароз дар мактаби таҳсилоти умумии рақами 14 ба номи Лоҳутӣ аз фанҳои кимёву биология сабақ дод.

Баъд дар вазифаҳои мудири мактаб босамар фаъолият намуд. Дар хоҷагии ҷамоавии «Хушёр» солҳои дароз кор кард.

Солҳои мактабхонӣ роҳбари синфи мо буд. Вай ба мо бо лаҳни нарму бародарвор суҳбат мекард, ҳамроҳамон гоҳ-гоҳ ба сайругашт мебаромад, ба дили падару модари ҳамсинфонам, ки бо сабабҳои гуногун ба дарс намеомаданд, бо назокати хос роҳ меёфт ва ба он ноил мегардид, ки давомоти синфи мо ҳамеша дар мактаб намунавӣ бошад.



Бо гузашти айём борҳо дар кӯчаву маросимҳои деҳ бо устодам вомехӯрдам, аз аҳволаш пурсон мешудам. Ҳувайдо буд, ки вай низ аз ин дидор шоду масрур ва бидуни он ки бо баҳонае мулоқотамонро қатъ кунад, бо фурӯтанӣ ва таҳаммул аз кору зиндагиам дар шаҳр мепурсид, лозим шавад, машварат медод, ки бароям рӯзе кор баст мегардид.

Баъди 20 соли хатми мактаб мо барои устодонамон зиёфат ташкил кардем. Даъвати моро аксарияти устодон бо хушҳолӣ пазируфтанд. Тешабой Одилови қаҳрамон, Оча Исломова, Раҳбаралӣ Эрканов, Намирадхон ва Мираброр Аҳроровҳо, Сироҷиддин Азизов, Зоҳидҷон Одилов, Рустамбек Аҳмадбеков, Шарофиддин Сайфиддинов, Маҳмудҷон Ҳайдаров, Сироҷиддин Шукуров, Мухторалӣ Норматов, Ҳаваҷаралӣ Акбаров, Тӯхтасин Маҳкамов бо ширкати худ ин чорабинии моро шукӯҳ ва шаҳомат бахшиданд. Аммо устод Зарифов ба далели даргузашти нобаҳангоми духтари бародараш натавонист ҳамчун роҳбари синф ширкат кунад.

Дарвоқеъ, он солҳо дастгоҳи наворбардорӣ хеле чизи ноёб буд. Як корманди комиссариати ҳарбии ноҳияи Сӯх ба номи Руслан, ки дар Олмон ба ҳайси афсар хидмат кардааст, соҳиби чунин дастгоҳ буд ва бо хоҳиши мо ин чорабиниро пурра ба навор бардошт. Ҳоло ин наворро ҳамчун гавҳараки чашм нигоҳ медорем. Ин бесабаб нест. Ҳамаи устодоне, ки зикрашон дар боло рафт, кайҳо бо ҳаёт падруд гуфтаанд. Барои ҳамин навор барои аъзои хонаводаҳои онҳо ҳамчун як чизи нодир нигоҳ дошта мешавад.

Боре дар деҳа бо ҳамсинфон нишасте барпо кардем. Аз гап-гап бароманду бародарони кусури ҳамон чорабинӣ матраҳ гардид. Тасмим гирифтем, ки ин корро фасли баҳор дар ягон ҷойи сарсабзу хуррам бо ширкати устод Зарифов роҳандозӣ хоҳем кард. Сонӣ аз солҳои мактабхонӣ ёдовар мешавем, хотираҳои устодро аз солҳои аввали кор дар мактаб мешунавем ва аз вай низ барои таълиму тарбияе, ки додааст, ибрози сипос менамоем. Мутаассифона, ин нақшаамон барбод рафт, зеро марг пешдастӣ намуд ва ӯро ногаҳон аз мо барои ҳамеша рабуд.

Солҳои кору фаъолият дар мактаб вай гоҳ-гоҳ ба ҳавлии мо меомад ва аз модарам, ки директори мактаб буд, дар ин ё он бора машварат мепурсид. Аз он, ки падару модарам бароям ҳаққи устодӣ доштанд, аз онҳо ҳамеша бо муҳаббату садоқат ёдовар мешуд. Мегуфт, ки вақти мактабхонӣ ӯ ва устодони дигар бароям роҳи дуруст нишон доданд ва бо тавсияи онҳо шомили Донишкадаи давлатии омӯзгории Фарғона шуд. Иттифоқ афтод, ки баъди хатми донишкада дубора ба деҳ баргардад ва дар паҳлӯи устодон машғул ба кори омӯзгорӣ шавад.

– Бо ифтихор мегӯям, ки падар ва модари шодравонат ба ман мисли фарзанди худ муносибат мекарданд. Аммо баъзан машғули говчаронӣ шуда аз дарсҳо ақиб мемондам ё ба дарс ҳозир намешудам. Баъд сахт танбеҳ мешунидам. Оҳиста ба дарки ин маънӣ расидам, ки устодонам чӣ қадар инсонҳои шарифу меҳрубон будаанд ва мехостанд, ки ман роҳи дурусти ҳаётро интихоб кунам ва сазовори касбу кори хуб шавам, – гуфта буд устод Зарифов шодравон.

Ёдам расид, ки чанде муқаддам дар яке аз воҳӯриҳо вай аз зиндагии сахти охири солҳои 60-ум ва аввали 70-уми қарни гузашта ёдовар шуд. Баъд афзуд, ки аксарияти мардум ҳанӯз зиндагии хуб надоштанд. Онҳо дар кори саҳро шабу рӯз меҳнат мекарданд ва ба маҷбур мешуданд, ки ба маоши хеле ночиз қаноат кунанд. Баъд иқтисодиёти мамлакат оҳиста рӯ ба барқарорӣ оварад, зиндагии одамон беш аз пеш беҳтар гардид.

– Модарам – Фотимахон, баъди фавти падарам, ману се бародар ва ҳамшираам Ҳанифахонро бо заҳмати зиёд калон кардааст. Худ нахӯрдаву моро хӯронда, худ напӯшидаву моро пӯшонидааст. Бародарам Айюбҷон шахси андак маълул бошад ҳам, омӯзишгоҳи тиббии Қӯқандро тамом кард ва то дами вопасин дар хидмати мардум шуд. Ҳама соҳиби касбу кор ва зиндагии ороми худ шудем. Мебоист аз идами чунин зиндагии ободу фаровони мо модар ифтихор кунад ва даври пирӣ ронад, аммо чашм аз олами ҳастӣ пӯшид ва дар қаъри дили мо армон гузошту рафт. Ҳоло атрофам аз фарзандону набераҳон пур аст, вале худро гоҳ-гоҳ танҳо ҳис мекунам. Мехоҳам, ки модарам дар канорамон бошад ва ҳарчанд синнам боло рафтааст, сар болои зонуҳояш монаму вай маро мисли кӯдак навозиш кунад,– мегуфт бо таассуф ва армон устод Зарифов.

Вай соҳиби панҷ фарзанди хубу гапдаро буд. Писаронаш – Муқаддам ва Абдуманноб Донишгоҳи политехникиро дар риштаҳои барқу нафт хатм кардаанд. Зафар баъди хатми Донишкадаи омӯзгории Самарқанд дар мактаби таҳсилоти умумии рақами 14 машғули омӯзгорӣ мебошад. Духтараш Ҳумайро омӯзишгоҳи тиббии Конибодомро хатм кардааст ва ҳоло ба дарди беморон дармон мебахшад. Фарзанди кенҷа Хуршед ба касби соҳибкорӣ рӯй овардааст.

Вай то дами нафақа вазифаи раиси ҷамоати шаҳрвандони деҳаи «Хушёр»-ро сарбаландона иҷро кардааст. Аз панҷ фарзанд бо завҷааш Ҳаҷиятхони шодравон соҳиби наберау абераҳо шудаанд.

– Ёқубҷон Зарифов ба нафақа баромада, мисли аксари ҳамтоёни худ гӯшанишинӣ ихтиёр накардааст. Вай аввал якҷо бо роҳбари хоҷагии фермерӣ Усмонҷон Ашӯров дар сохтану қомат афрохтани гунбази мақбараи қабристони Хоҷаи қулфу занҷиркушо аз нигоҳи молӣ саҳм гирифтааст. Сонӣ ба масъалаи ба оби ошомиданӣ таъмин кардани сокинони ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои Хушёр, Себзор ва Қақир машғул шудааст. Аз ҳисоби маблағи худ борҳо ба шаҳри Тошканд сафар карда, ба роҳбарони вазорату идораҳои марбута аризаву муроҷиатҳои дастаҷамъии мардуми ин се ҷамоатро расонидааст. Боз талош намудааст, ки ин аризаву муроҷиатҳо натиҷаи пурсамар ба бор оваранд, – мегӯяд раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Себзор Абдулазиз Абдуҷабборов.– Бо талошҳои бевоситаи Зарифов солҳои 2005–2011 дар станцияи насосҳои обкашии барқӣ реконструксияи генераторҳои станцияҳои марҳилаҳои якуму дуюми обкашӣ анҷом дода шуд. Дар натиҷа ҳудуди 550-600 гектар киштзорҳои хоҷагиҳои фермерӣ ва участкаҳои назди ҳавлигии беш аз 8 ҳазор аҳолии се ҷамоат ба об таъмин гардид. Гузашта аз ин, бо талошҳои ин марди мардумдӯст ва саховатпеша аз анбори Садорати станцияҳои насоси обкашии вилоят генераторҳои нав ба ҷои даркорӣ интиқол дода шудааст.

Ба таъкиди Абдулазиз Абдуҷабборов хидматҳои шоёни омӯзгори собиқадор Ёқубҷон Зарифовро мардум хеле хуб медонанд ва ҳамеша дар ҳаққаш дуои нек мефиристанд. Ёқубҷон Зарифов ба унвони «Аълочии таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон», инчунин якчанд нишонҳои дигар ва ифтихорномаҳо сазовор гардидааст.

– Бо чунин падар ҳамаи мо, фарзандон ифтихор мекунем. Агар умри вай боқӣ мебуд, боз даст ба ҷанд кори нек мезад, – мегӯяд пайрави падар Зафар Зарифови омӯзгор.

Хоҷа Ҳофиз бо назардошти чунин инсонҳо фармудааст:

*Зиндаву ҷовид монд,*
*ҳар кӣ накӯном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр*
*зинда кунад номро.*

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

---

*Дар арзҳои дӯстӣ*

# «ИЛҲОМБАХШУ ИБРАТОМӮЗАНД, САМАРҚАНДУ БУХОРО!»

**чунин иброз дошт санъаткори номии Эрон Куруши Меҳрубон, ки дар «моҳи асал»-и хеш ба кишвари мо меҳмон буд.**

– Саёҳати мо аз Бухорои шариф оғоз ёфт. Бо роҳбаладии марди ҳунарманду меҳмоннавоз, раиси Маркази фарҳангии тоҷикон ва форсҳои Бухоро Абдурауф Авазов ёдгориҳои таърихии шаҳру ноҳияҳои вилоятро тамошо ва бо санъаткорони Бухоро суҳбатҳои дилнишину самимӣ кардем.

Боздид аз мақбараи Сомониён хушояд буд. Камина аз тамошои он ба ваҷд омада, беихтиёр суруди «Бӯйи ҷӯйи Мулиён ояд ҳаме»-ро бо ҳамсарам Гулнози Халилӣ, ки низ дар торнавозӣ балад аст, иҷро намудам. Дар як нафас мисрабонон ва хеле сайёҳони хориҷӣ низ ҷамъ омада, кафкӯбӣ карданд.

Мақбараи Сомониён, ки воқеан давлати калону пахноваре бунёд карданд, ҳеҷ як ҳамтабору ҳамзабони моро бефарқ намегузорад. Исмоили Сомонӣ боиси ифтихори мост.

Аммо барқаш Самарқанд Сайқали рӯйи Замин аст. Ман инро баъди ба шаҳри шумо омадан бори дигар дарк намудам. Беҳуда, «Шунидан кай бувад монанди дидан» нагуфтаанд. Барои тасвири эҳсосоти банда қалам оҷиз аст. Дар зодгоҳам – шаҳри Теҳрон нисбати Самарқанд бисёр хонда ва тавассути «оинаи нилгун» дидаву ошно будам, вале бо чашми сар дидан дигар аст. Бинобар ҳамин хеле хушҳол ҳастам, ки баъди издивоҷ бо арӯсам Гулноз Халилӣ «моҳи асал»-и хешро дар гаҳвораи тамаддуни Шарқ – Самарқанд мегузаронам.

Вақте ба майдони Регистон қадам мезадам, вуҷудамро эҳсоси хуше фаро гирифта, чанд лаҳза аз ёдгориҳои таърихӣ мутаассир шудам. Дар мадрасаи Мирзо Улуғбек шоири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон таҳсил гирифтаанд.

Роҳбаладонамон ба ҳар як пурсишамон посух ва маълумоти шавқангез дода, моро ба ҳайрат мегузоштанд.

Камина дар дафтари хотирот қайдҳо кардам, ки баъди бозгашт ба зодгоҳ шеъру ғазалҳои худро менависам ва чун суруд иҷро мекунам.

Ба маълумоти шумо бояд расонам, ки муаллифи чор баёз, роҳбари дастаи ҳунарии «Пойкуб» ҳастам.

**– Оғои Куруш, дилбастагии шумо ба санъат аз куҷост?**

– Санъат як қисми таркибии маданияти маънавии инсоният аст.

Дар оилаи мо ҳама шефтаи санъат будаанд. Шахсан ман аз айёми бачагӣ бо тақлид ба ҳофизону мутрибон суруд хонда, ба ин ҳунар дил бастаам. Бо гузашти айём аз нобиғагони санъати Эрон Судейф Рамбуд, шогирди Шаҷариён оғои Музаффари Шафеъӣ ва дигар устодони санъат сабақ гирифтаам.

**– Нақшаҳои ояндаи шумо?**

– Дар Маркази фарҳангии эрониёни шаҳри Самарқанд бо Равшан Паҳлавон суҳбат доштам, аҳду паймон бастем,



ки соли дигар дар рӯзҳои ҷашни Наврӯзи оламафрӯз дар маҳаллаи Панҷоб барномаи консертӣ ташкил кунем. Боз бо ҳофизону мутрибони Ӯзбекистон баргузор кардани тадбири муштараки фарҳангиро ба нақша гирифтем.

Баъди Самарқанд ба шаҳри Тошканд парвоз мекунем.

**– Таманнои шумо ба хаводорони рӯзномаи «Овози тоҷик»?**

– Эшонро бо фаро расидани Соли нави милодӣ самимона табрик гуфта, тамоми хушиҳои зиндагиро орзумандем. Бигзор, дӯстии Ӯзбекистон ва Эрон поянда бошад!

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

---

***Дар Когон масъалаи ба муассисаҳои таълими томактабӣ ҷалб намудани бачагон сол то сол беҳтар мегардад. Имрӯз дар шаҳр ва ноҳия 46-то муассисаи томактабӣ фаъолият нишон медиҳад. Аз ҷумла 18-тои онҳо давлатӣ, 6 давлатию хусусӣ ва 22-тоашон оилавӣ мебошанд.***

# БОҒЧАИ НАВ ДАР МАҲАЛЛАИ ЗИРОБОД

Ба қарибӣ дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Зиробод»-и шаҳри Когони вилояти Бухоро бинои нави муассисаи таълими томактабии давлатии №16 ба истифода супорида шуд, ки он барои 150 нафар кӯдак пешбинӣ шудааст.




Дар маросими тантанавӣ намояндагони ҳокимият, шуъбаи таълими мактабию томактабӣ, фаъолони маҳалла, падару модарон иштирок карданд. Басуханбаромадагон аҳли ҳудудро бо бинои нави дорои ҳамагуна қулайҳои замонавӣ муборакбод карданд ва хидматҳои бинокорони гулдасти ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Колониаи сайёри механиконидаи байнихоҷагии рақами 201»-ро алоҳида таъкид намуда, ба онҳо туҳфаҳо инъом карданд.

Арзиши лоиҳа 4 миллиарду 850 миллион сӯм буда, бинои дуошёна дорои дарсхонаю машғулиятҳо, хобгоҳ, ошхона, хонаи мусиқӣ ва ғайра мебошанд. Мавсими тобистон бачагон аз майдончаҳои солимгардонию санитарии боғча истифода мебаранд. Ҳар як хона бо ашёҳои зарурӣ ҷиҳозонида шудааст.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

---

# ГАНҶУ ЗАР ПЕШИ ҲУНАР ЧИЗЕ НЕСТ

Ҳунар сармояе, ки онро бо ягон чиз иваз кардан мумкин нест.

Ҳунар ба инсон бузургӣ бахшида, мартабаи ӯро зиёдтар мегардонад. Ҳунарманд ҳар як дақиқаи умрашро бесамар намегузаронад. Лаҳзае бекор намемонад.

Чустиёнро аз қадимулайём ҳунарманд гуфта эътироф мекунанд. Мардҳо асосан бо кордсозӣ, дуредгарию сандуқсозӣ, тунукасозиву гаҳворасозӣ, занону духтарон бошанд, бо зардӯзиву тоқидӯзӣ машғуланд.

– Замони технология, замони аҷибе омад, – мегӯяд Замирамомои 85-сола. – Ҳар як асбобу анҷоме, ки дар рӯзгор истифода мебарем, бо ёрии техника тайёр мешавад. Ин хуб аст, лекин кадом анҷоме, ки дастӣ сохта мешавад, он боқадртар мебошад. Боз як тарафи нағзаш ин аст, ки бо ин усул фарзандонро бекор намононда, бо меҳнат тарбия мекунем. Ҳамаи ҳунарҳо ҳангоми омӯзиш душворие доранд, ки касро дилгир месозанд, вале кам одамоне ёфт мешаванд, ки ин душвориҳоро писанд накарда, ҳунар меомӯзанд. Беҳуда нагуфтаанд: «Ҳунар давлати пояндa ва чашмаи зоянда аст». Мо аз хурдӣ дар паҳлӯи модарону модаркалонамон нишаста тоқӣ медӯхтем. Ба рӯи матои махсус нақшҳои гуногун мекашиданд ва ба ҳар яки он бо нӯги сӯзан захм медӯхтем. Баъди тайёр шудани тоқӣ ҳамроҳи модар ё ки модаркалонамон ба бозор барварда мефурӯхтем. Он вақт ин тавр тараққиёт набуд. Ба фикрам, сол аз сол ба ин ҳунар эътибор кам шуд. Пештара барин ҷавонони ҳозира тоқӣ надӯхта монданд. Дар сари мардҳо тоқиеро, ки бо воситаи компютер тайёр шудааст, дидан мумкин.

Дарҳақиқат, Замирамомо ҳақ гуфтанду рост. Занони чустӣ бо тоқидӯзӣ машғул буданд. Солҳои охир ба ин ҳунар эътибор суст шуд. Дар бозорҳо ҳоло тоқиҳоро барои домодону мардҳои калонсол харид мекунанду бас.

Ҳунар инсонро ба камолот мерасонад, зиндагиашро зебоӣ мебахшад.

Ҳар як инсон дар зиндагӣ меъмори худ аст.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

---

# ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ АЗ НИГОҲИ БУЗУРГОН

***Солҳои охир ба ҷараёни таълиму тарбия ва тайёр намудани кадрҳо дар кишварамон эътибори алоҳида дода мешавад. Дар ин бора чандин қарору фармоишҳои ҳукумат ба имзо расиданд. Ислоҳоти дар тамоми соҳаҳо амалишударо бе ғояҳои нав, дониши баланди замонавӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, ба дониши мукаммал соҳиб будани муаллимони замонавӣ асоси тараққиёт дониста мешавад.***

Тарбия намудани шахс фаъолият ва ҷараёни ниҳоят мураккаби педагогӣ буда, аз қадимулайём диққати шахсони бузургро ба худ ҷалб намудааст. Алломаҳои бузург дар асарҳои худ оиди нозукии касби мударрисон, масъулиятнок ва бошараф будани касби омӯзгорӣ фикру мулоҳизаҳои худро ифода намудаанд. Барои тайёр намудани кадрҳои педагогӣ: омӯзгорону мураббиён ва такмили маҳорати онҳо асарҳои намояндагони давраи бузурги Эҳё Абӯнасри Форобӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Унсурулмаолии Кайковус, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва дигарон манбаи муҳим мебошад. Онҳо аз насл ба насл гузашта, қимати худро гум накардаанд ва дастуруламали нодир ба ҳисоб мераванд.

Абӯнасри Форобӣ барои рушди маданияти халқҳои Осиёи Марказӣ ҳиссаи калон гузоштааст. Ӯ фанҳои арифметика, геометрия, астрономия ва мусиқиро аз фанҳои муҳими таълиму тарбия шуморидааст. Аз ҷумла, аллома таъкид кардааст, ки муаллимони ин фанҳо бояд соҳиби дониши мукаммал ва таҷриба бошанд. Ба кӯдакон барои дарки атроф, ҳодисаҳо маълумот дода тавонанд. Барои тарбия ва илмомӯзии шогирдон устод набояд бисёр сахтгир ва ё аз ҳад зиёд меҳрубон бошад. Саъдии Шерозӣ дар асари машҳури худ «Гулистон» мударрисони замони худро ба гурӯҳҳо ҷудо карда навиштааст: «Аз муаллимони сахтгир, зиштрӯй, соҳиби хулқи бад табъи шогирдон тира мешавад ва ба онҳо тарбия ва дониш гирифта наметавонанд. Боз як гурӯҳ муаллимон ҳастанд, ки сода, хеле мулоимтабиатанд. Одоби фариштасифат ва меҳрубонии онҳоро дида, хонандагон машғули бозиву ҳархаша гашта, илм азхуд намекунанд»:

*Устоду муаллим чу бувад беозор,*
*Хирсак бозанд кӯдакон дар бозор.*

Шайх Саъдӣ дар кори тарбия ва таълим муаллимони сахтгирро афзал шуморидааст: «Ҷабри устод беҳ зи меҳри падар».

Мутафаккири маъруф Абӯрайҳони Берунӣ ба рушди илмҳои табиӣ, фанҳои иҷтимоӣ ҳиссаи калон гузоштааст. Дар асарҳояш оиди педагогика ва рӯҳшиносӣ мулоҳизаҳои маърифатӣ-дидактикиро баён кардааст. Ободии мамлакатро аз равнақ ёфтани илм ҳисобида, ба мударрисон вобаста будани бахту саодати ҷавононро таъкид намудааст.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар асари худ «Ахлоқи Муҳсинӣ» чунин навиштааст: «Мураббӣ ҳангоми таълим додан ба хонанда ба қоидаҳои одоб, лутф, насиҳат риоя бояд намояд. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ба шогирд панду насиҳат гуфтан намезебад, он амалро дар ҷои хилват гуфтан зарур аст».

Аз фикру андешаҳои алломаҳои бузург чунин хулоса бармеояд, ки касби омӯзгорӣ дар худ фазилатҳои беҳтаринро таҷассум менамояд. Ҳар як писар ва духтари ҷавон, ки касби омӯзгориро пешаи худ интихоб мекунад, бояд истеъдоди ҳаматарафаи худро ба ин касб равона карда тавонад. Педагоги машҳури рус А. Макаренко ба кори таълиму тарбия муҳим будани шахсони қобилиятнокро таъкид намуда гуфтааст: «Ба ҷамъият на 40 муаллими бекобилият, балки 4 муаллими қобилиятнок кифоя аст».

Муаллим ҳамчун «муҳандиси қалби хонанда» аз ҳар ҷиҳат ба шогирдонаш намунаи ибрат бояд бошад. Зеро талаба ба роҳгардӣ, либоспӯшӣ, суханронии устодаш тақлид мекунад.

Муаллим бояд соҳиби маданияти нутқ бошад. Нутқаш равон ва фаҳмо бошад, дар ҷараёни таълим бо забони адабӣ гап занад, аз нутқи шевагӣ даст кашад. Суханҳои пурҳикмат, ибора ва мақолҳои халқиро дар мавридаш истифода бурда тавонад. Ҳангоми мулоқот бо хонандагону падару модарон фикри худро аниқ баён кунад. Нутқ ва суханони омӯзгор ба болоравии дониши хонандагон таъсири худро гузорад.

Имрӯз аҳбори коммуникатсионӣ ривоҷ ёфта бошад ҳам, таълиму тарбия ба маҳорату дониши омӯзгор вобаста аст.

**Зарифа КАБИРОВА,**
**муаллими кафедраи педагогикаи умумии ДДОЧ.**

---

Маркази миллӣ-мадании тоҷикони вилояти Сурхондарё ба муаллими мактаби №13 шаҳри Тирмиз Ҳафиза Рашидова нисбати вафоти шавҳараш, фаъоли марказ **Наҷмиддин РАШИДОВ** ҳамдардии амиқ изҳор менамояд.

Маркази миллӣ-мадании тоҷикони вилояти Сурхондарё ба шоир ва муҳаққиқ Ҷаъфар Холмӯъминов нисбати вафоти падараш, собиқадори меҳнат **Муҳаммад ХОЛМӮЪМИНОВ** ҳамдардии амиқ изҳор менамояд.

**ТАСҲЕҲ**
*Муаллифи шеъри «Соли нав» дар шумораи 1 январи с.2025 №1 дар саҳифаи чоруми рӯзнома ба ҷойи «Наргиси Масъудхон» «Хусрави Саъдуллоҳ» хонда шавад.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Формоиши 2 Г-128.
Адади нашр 3700. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.